**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи диссертатсионии №_______
Қарори шурои диссертатсионӣ аз
01 июли соли 2025, № 86

Барои сазовор донистани Раҳимзода Фирӯза Маҳмад, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Раҳимзода Фирӯза Маҳмад дар мавзуи “Манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон” аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар таърихи 15 апрели соли 2025, суратмаҷлиси №80 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, бинои 11, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2002, №16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Раҳимзода Фирӯза Маҳмад 24 августи соли 1979 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2001 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст. Аз соли 2002 то соли 2003 ба ҳайси мушовири калони раёсати кадрњо ва корњои махсуси Вазорати адлияи Љумњурии Тољикистон ба фаъолияти меҳнатӣ шуруъ намуда, аз соли 2024 то њол ба ҳайси сармутахассиси раёсати ќонунгузории асосњои сохтори конститутсионї, мудофиа ва амнияти сарраёсати ќонунгузории Вазорати адлия фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Маҳмудзода Маҳкам Аъзам** – академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– Имомзода Нилуфар Маҳмадюсуф – муовини раиси Кумитаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

– Қодирқулов Хуршед Раҳмонович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедари ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:**

Муассисаи таълимии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар Раупова М.Т. - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии *Тоҷикистон омода гардида, аз ҷониби раиси семинари илмӣ-назариявӣ*, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Олимзода Д.А. ва котиби ҷаласа Мирзоев П.И. имзо ва аз ҷониби ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Д.Ҷ. 26 майи соли 2025 тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсия мустақилона аз ҷониби муаллиф таҳия шуда, мазмуни ягонаи дохилӣ ва мантиқӣ дорад. Навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, таҳлили илмии қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, пешниҳоди маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфронсҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ аз саҳмӣ шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Раҳимзода Фирӯза Маҳмад оид ба мавзӯйи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Интишорот, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишорот аз рӯйи мавзуйи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. Раҳимова, Ф.М. Доир ба баъзе масоили манфиат дар муносибатҳои оилавӣ [Матн]: / Ф.М. Раҳимова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2019. – №4 (32). – С.86-90. ISSN 2305-0535 [2-М]. Раҳимова, Ф. М. Мафҳуми оила: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ [Матн]: / Ф.М. Раҳимова // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №4 (32). – С.200-209. ISSN 2307-5198

[3-М]. Раҳимзода, Ф.М. Доир ба баъзе масъалаҳои ташаккулёбии реҷаи ҳуқуқи моликияти аъзои оила [Матн] / Ф.М. Раҳимзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – №1 (41). – С.199-205. ISSN 2305-0535

[4-М]. Раҳимзода, Ф.М. Баъзе муаммоҳои амалисозии манфиати оилавӣ дар моликияти якҷояи ҳамсарон [Матн]: / Ф.М. Раҳимзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – №1 (37). – С.136-148. ISSN 2307-5198

[5-М]. Раҳимзода, Ф. М. Хусусиятҳои ҳифзи манфиатҳои оилавӣ ҳангоми тақсими молумулки ҳамсарон бо созиши тарафҳо [Матн]: / Ф.М. Раҳимзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №1(45). – С.118-123. (ҳаммуаллиф бо М.А.Маҳмудзода). ISSN 2305-0535

[6-М]. Раҳимзода, Ф. М. Ҳифзи манфиати оилавӣ ҳангоми таъмини иҷрои уҳдадориҳои қарзии ҳамсарон [Матн]: / Ф.М. Раҳимзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2024. – №1 (49). -С.178-183. ISSN 2305-0535

**II.Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷмӯаҳо ва нашрияҳои илмию амалӣ чоп шудаанд:**

[7-М]. Раҳимова, Ф.М. Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ [Матн]: / Ф.М. Раҳимова // Ҳаёт ва қонун. – 2020. – №2. –С.163-173. ББК 67.99

[8-М]. Раҳимзода, Ф.М. Доир ба баъзе масъалаҳои манфиати оилавӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои қарзии ҳамсарон [Матн]: / Ф.М. Раҳимзода // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров», «Соли 2023-Соли забони русӣ» ва «Соли 2025-Соли байналмиллалии ҳифзи пиряххо». – Душанбе, 2023. – С.236-247. УДК 340:338.22(076)(0575,3)

[9-М]. Раҳимзода, Ф. М. Ба назар гирифтани манфиати оилавӣ ҳангоми муайян намудани моликияти муштараки ҳамсарон [Матн]: / Ф.М. Раҳимзода // Маҷмуаи маводи II-юмин конференсияи илмӣамалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, 29 апрели с. 2023) // зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 276-281. ТДУ 34:001(575.3)(063.3)

[10-М]. ]. Раҳимзода, Ф. М. Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон [Матн] /Ф. М. Раҳимзода// Маърифати ҳуқуқӣ омили тақвияти тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният”. Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли маърифати ҳуқуқӣ, Душанбе, 19 апрели соли 2024. – Душанбе,”Дониш”, 2024.-С. 170 -180. – ТДУ 340.575.3

[11-М]. Раҳимзода, Ф.М. Доир ба баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии уҳдадориҳои қарзӣ ва кредитории ҳамсарон [Матн]: /Ф.М. Раҳимзода//

Маводи конференсияи илмӣ назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» - Душанбе, 2024. -С.230- 236. УДК: 340:33.22(076) (0575.3)

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби муқарризони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**- Носиров Х.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Россия – Тоҷикистон (славянӣ);

**- Ғаффорзода И.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**- Худоёрзода Б.Т.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- Холмаҳмадзода С.** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳо ва тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудаанд. Асосан, эродҳо масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла танзими ҳуқуқии манфиатҳои оилавӣ, фарқияти мафҳумҳои “моликияти умумии якҷояи ҳамсарон” ва “молу мулки ҳамсарон”, ҳифзи манфиатҳои оилавӣ дар муносибатҳои қарзӣ ва баъзе нуктаҳои дар ҳимоя пешниҳодшударо дарбар мегиранд, ки мазмуни корро коста намегардонад.

**Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** бодарназардошти муқаррароти бандҳои 61-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **коркард карда шуд:** масъалаи манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон аз нуқтаи назари илмӣ бори аввал дар шакли маҷмӯӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ таҳлилу баррасӣ карда шудааст;

- **пешниҳод шудааст:** консепсияи назариявии мукаммал оид ба таносуб ва алоқамандии манфиатҳои аъзои алоҳидаи оила ва манфиати умумиоилавӣ, инчунин таклифҳо барои такмили қонунгузории оилавӣ ва маданӣ;

- **исбот шудааст:** зарурати муайян кардани мафҳуми оила ва ҳайати аъзои он дар қонунгузории оилавӣ, аҳамияти бартарӣ додани манфиатҳои умумиоилавӣ нисбат ба манфиатҳои инфиродии аъзои оила, инчунин нокифоя

будани танзими ҳуқуқии объектҳои нави ҳуқуқи маданӣ (аз қабили ҳуқуқҳои рақамӣ, пулҳои электронӣ ва ғайраҳо);

- **ҷорӣ намудани:** муқаррароти ҳуқуқӣ оид ба танзими манфиатҳои оилавӣ дар муносибатҳои молумулкии ҳамсарон, аз ҷумла дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бодарназардошти таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ҷиҳати дарку фаҳмиши манфиатҳои оилавӣ, такмили заминаҳои меъёрии ин падида, рушди илми ҳуқуқи оилавӣ ва маданӣ замина фароҳам меорад. Инчунин, натиҷаҳои он метавонад дар ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба танзими ҳуқуқии манфиатҳои оилавӣ ва дар раванди такмили қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ ба кор бурда шавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таклифҳои пешниҳодшуда оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мукаммал гардонидани танзими ҳуқуқии манфиатҳои оилавӣ дар муносибатҳои молумулкии ҳамсарон мусоидат мекунад, ки дар навбати худ ба иҷрои вазифаҳои хусусияти иҷтимоидоштаи давлат ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ оварда мерасонад.

**ҷойдошта** дар таҳқиқот усулҳои илмии диалектикӣ, расмӣ-мантиқӣ, таҳлили низомнок, пешгӯйии илмӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ самаранок истифода шудаанд.

- **Баён шудани** мафҳуми манфиати оилавӣ ва хусусиятҳои он, таҳлили манфиатҳои оилавӣ дар доираи муносибатҳои молумулкии ҳамсарон, пешниҳоди таклифҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ бодарназардошти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ;

- **Ошкор гардидани** нокифоя будани танзими ҳуқуқии манфиатҳои умумиоилавӣ, ихтилофот дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, зарурати муайян намудани мафҳуми оила ва ҳайати аъзои он дар қонунгузорӣ;

- **Омӯхта шудааст:** ташаккул ва инкишофи манфиатҳои оилавӣ, хусусиятҳои танзими ҳуқуқии моликияти якҷоя ва алоҳидаи ҳамсарон, табиати ҳуқуқии уҳдадориҳои қарзии ҳамсарон, инчунин механизмҳои ҳифзи манфиатҳои оилавӣ;

- **аз нав такмил додани:** пешниҳодҳо барои ислоҳоти Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муайян намудани мафҳуми оила, моликияти умумии якҷояи ҳамсарон ва қарз ҳамчун объектҳои алоҳидаи тақсим.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар**

**амалия чунин тасдиқкарда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории оилав□ ва қонунгузорӣ дар самти молу мулки ҳамсарон, пешбурди фаъолияти нотариалӣ ва бақайдгирии давлатии молу мулки ҳамсарон.

– **муайян карда шуданд**, ки молу мулки ҳамсарон падидаи ҳуқуқи оилав□ буда, дар қонунгузории соҳаҳои дигар, бахусус соҳаҳои оммавӣ бояд муқаррароти қонунгузории маданӣ ба роҳбарӣ гирифта шавад. Инчунин, муайян карда шудааст, ки тасдиқи нотариалии молу мулки ҳамсарон аҳаммияти назарраси ҳуқуқӣ дошта, барои инкишофи муътадили муносибатҳои ҳуқуқи оилав□ муҳим аст.

– **офарида шуд:** мафҳуми молу мулки шахсӣ ва муштараки ҳамсарон ва реҷаи ҳуқуқи мадании молу мулки ғайриманқул пешниҳод карда шудааст. Молу мулки ман□ул ва ғайриманқул ин объекти ҳуқуқҳои маданӣ ва □ам □у□у□и оилав□ мебошанд, ки аз рӯйи табиати худ ё алоқаи мустаҳкам доштан бо ҳуқуқҳои аъзои оила ё дар асоси талаботи қонунгузорӣ (новобаста аз табиат ва алоқа бо замин) ғайриманқул эътироф шуда, дар қонунгузорӣ нисбати он, бо дарназардошти аҳаммияти муҳим (иқтисодӣ, маишӣ, истеҳсолӣ ва ғ.) доштани онҳо дар ҳаёти шахсони воқеӣ, таъмини устувории ҳуқуқ ва мавҷудияти иттилооти боэътимод нисбати ин объектҳо махсус пешбинӣ гардидааст.

– **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ, нотариалӣ ва мақоми бақайдгирандаи молу мулки шахсӣ ва муштараки ҳамсарон асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумоти гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва таҳлили маводди илмию меъёрӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** Аз таҳлили Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки барои а□д□ои молу мулкии □амсарон дар асоси розигии тарафай асос гардидааст. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки минбаъд ҳамсарон ҳиссаи худро мустақиман ва ё бо масли□ати якдигар со□иб□, истифодабар□ва ё ихтиёрдор□ намоянд.

– **ғоя асоснок шудааст:** дар қонунгузорӣ маҳакҳои мансубияти молу мулк ба манқул ва ғайриманқул истифода карда шавад, зеро маҳакҳои мазкур имкон медиҳанд, ки дилхоҳ молу мулки ба талаботи ин маҳакҳо ҷавобгӯй, ҳамчунин ин ё он объекте, ки дар оянда ба вуҷуд меояд, бе ягон мушкилӣ тавассути маҳакҳои дар қонунгузорӣ муқарраргардида реҷаи ҳуқуқии он (яъне манқул ё ғайриманқул будани он) муайян карда шавад

– **муайян шудаанд:** моликият объекти ҳуқуқҳои маданӣ мебошад, зеро дар қонунгузорӣ он ҳамчун моликияти шахси ё умумӣ муайян гардидааст. Аммо моликият дар маҷмуъ ба маънои шахсӣ ё муштарак дар муомилоти маданӣ иштирок карда наметавонад.

– **истифода карда шуданд:** Дар таҳқиқот маводди илмӣ, меъёрӣ, амалӣ ва оморӣ ба таври васеъ истифода карда шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти ҳамсарон ба молу мулки ғайриманқул, хоссатан манзили истиқоматӣ ва дигар бинову иншоот дар ҳолати ташаккулёбии оила ҳамчун объекти асоси муносибат қарор дорад. Маълумоти оморие, ки мақомомоти бақайдгиранда пешниҳод намудааст, аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳаёти оилавӣ муомилоти молу мулки ғайриманқул, ба даст овардан ва амалисозии ҳуқуқҳо нисбати объектҳои мазкур сол то сол тамоюли зиёдшавӣ дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба масъалаҳои манфиати оилавӣ дар муносибатҳои молумулкии ҳамсарон асоснок карда мешавад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз 01 июли соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Раҳимзода Фирӯза Маҳмад дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд тасдиқ гардидааст, 16 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта 16 нафар овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 16 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**